“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________ Хушвахтзода Қ. Х.
“ 8 ” 06 соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбек, ки дар он “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) ”, таҳқиқу баррасӣ шудааст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои шароитҳои рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусияти таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.

Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Олимов Тағойбек бо он муайян карда мешавад, ки моҳияти ғояву ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони халқи тоҷикро дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ошкорнамоии робитаи эҷодиёти онҳо бо амалияи тарбияи оилавӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои муносибу самарабахши истифодабарии онҳо дар раванди ташаккул ва рушди арзишҳои оилавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян, коркард ва пешниҳод шудаанд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти хусусияти инноватсионии ислоҳоти тамоми зинаҳои таҳсилоти ватанӣ омӯзиши амиқ, арзёбии воқеӣ ва истифодаи эҷодкоронаи афкори таърихию педагогии ниёгон, ки дар он нақши махсуси тарбиявии оила, нақши оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ мавқеи намоён дорад, бағоят муҳим мебошад.

Масъалаи бунёди оилаи солим, нақш ва масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар осори пурғановати мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик, аз ҷумла «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кимиёи саодат» ва «Насиҳат-ул-мулук»-и Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолии Тӯсӣ мавқеи намоён дорад.

Мавриди зикр аст, ки ғояҳои пешқадами педагогӣ, ки аз ҷониби мутафаккирони халқи тоҷики асри XI, аз ҷумла Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, бахусус ташаккули арзишҳои оиладорӣ коркард шуда, дар тарбияи чандин насли аҳли башар нақши бориз гузоштаанд, ҳанӯз ба таври мушаххас ва мукаммал таҳқиқу баррасӣ нагардидаанд. Бо назардошти андешаҳои мазкур таърихи ташаккул ва рушди афкори педагогии халқи тоҷик, ҷойгоҳи оила, тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва асосноки илмӣ эҳтиёҷ дорад.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбек дар он аст, ки довталаб роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар бунёди оилаҳои солими муосир коркард карда, шароитҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ дар низоми муосири тарбияи оилавӣ ва таҳсилот тавассути озмоиш муайян ва мавриди омӯзиш ва коркард қарор додааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, бо муҳиммияти ҷамъбасти илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос гардидаст ва хулосаҳои асосӣ дар қисмати истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ташаккул ва беҳдошти оиладории муосири тоҷик озмоиш карда шавад.

Муносибатҳои назариявӣ-методологӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тавсифи мукаммали омилҳо ва ҷараёнҳои мавриди таҳқиқи педагогӣ-психологӣ нигаронида шудааст, принсипҳои бунёдии омӯзиши таърихи афкори фалсафӣ-ахлоқии халқияту миллатҳои гуногун ва аҳамияти он дар ташаккул ва рушди арзишҳои ахлоқию маънавии

афроди ҷомеаи муосир, ягонагӣ ва робитаи ногусастании назария ва амалия ба ҳисоб гирифта шуда, мавриди истифода қарор дода хоҳанд шуд.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажуҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди: Технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик баҳри беҳдошти устуворӣ ва рушди оиладории муосири тоҷик дар мавриде самаранок ҳоҳад шуд, ки агар:

- мазмун ва мундариҷаи ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дақиқ карда шавад;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар низоми ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян карда шавад;

- роҳу воситаҳои татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар раванди тарбияи оиладории муосири тоҷик коркард карда шавад;

- истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ташаккул ва беҳдошти оиладории муосири тоҷик озмоиш карда шавад;

- барои тарбияи оилавии наврасону ҷавонон маҷмуи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои маънавӣ-педагогӣ муайяну коркард ва мавриди истифода қарор дода шаванд.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардаи унвонҷӯй Олимов Тағойбек аз он далолат мекунанд, ки фарзияҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ҳамчун сарчашмаи ташаккули афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, ба таҳлили вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ бахшида шудааст. Боби аввал аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввал таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик, равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва таъсири онҳо ба рушди муҳити илмӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар фасли дуюм ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи таърихи фарҳанги маънавии халқҳои Шарқ, мероси пурғановати педагогӣ ва эстетикии мутафаккирони барҷаста

Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳаллу фасл шудааст.

Чуноне ки довталаб дар диссертатсия ва автореферат қайд кардааст, барои бунёд ва пойдории оила арзишҳои муҳимтарин никоҳ, саломатии фарзандон, муҳаббату садоқат ва вафодорӣ, ҳурмату эҳтироми волидайн ва калонсолон, фарҳанги меҳмондорӣ, сарфаю сариштакорӣ, адаб, илму дониш ва ҳунари фарзандон, масъулият ва меҳру шафқати волидайн ва якдигарфаҳмӣ ба шумор рафта, мавҷудияти онҳо барои таъмини солимии ҳар як оила ҳатмӣ мебошад. Дар афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ арзишҳои мазкур мақоми барҷаста дошта, тамоми ҷанбаҳои таҳқиқи мавзуъро мавриди коркард ва баррасӣ қарор додааст.

Эҳтироми падару модар аз зумраи арзишҳест, ки пойдории оиларо таҳким бахшида, барои дар замири фарзандон ташаккул ёфтани арзишҳои дигар, амсоли муҳаббату адолат, ҳақшиносӣ, якдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, дарки масъулияти падарию модарӣ дар таълиму тарбияи фарзандон мусоидат менамояд.

Боби дуввуми диссертатсия бевосита ба пажӯҳиши амалии масъалаи таҳқиқшаванда бахшида шуда, меъёрҳои зарурӣ барои ташкили таҳқиқот муқаррар гардиданд. Дар бораи таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳаёти оилавӣ ва арзишҳои оиладорӣ, ҳамчунин имкониятҳои функсионалии оила, тағйирёбии он ва баъзе суннату арзишҳои оиладорӣ маълумот дода шудааст. Боби дуюм низ аз ду фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввали боби дуюм усулу воситаҳои татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии муосир, шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва моҳияти арзишҳои он илман асоснок карда шудааст.

Ҷомеа ҳамеша ба эҳёи арзишҳои қаблӣ, омӯзиши тамоилу равандҳои нав ва ташкили раванди омодасозии насли наврас ба ҳаёти оилавӣ ниёз дорад. Вобаста ба ин, омодагии насли наврас ба ҳаёти оилавӣ дар мавриде самаранок хоҳад шуд, ки агар арзишҳои таърихии оилавӣ бо арзишҳои муосири оиладорӣ тарзе омезиш ёбанд, ки созгори марҳилаи мушаххаси рушди ҷомеа бошанд.

Вобаста ба ин, шарти навбатии педагогӣ дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ ин муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба раванди бунёд ва пойдории оила мебошад.

Довталаб зимни баргузории таҳқиқот муайян намудааст, ки таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, яъне таъминоти моддӣ ва сарфаю сариштакориро барои бунёд ва пойдории оилаи дар мадди аввал, таъсири омилҳои ҳуқуқӣ-никоҳ, баробарӣ ва озодии аъзои оиларо дар ҷойи дуюм, таъсири омилҳои фарҳангию миллӣ, яъне серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздикро дар ҷойи сеюм, омилҳои ҷамъиятию давлатӣ-Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шарафро дар ҷойи чорум, омилҳои маънавию ахлоқӣ – ишқу муҳаббат, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзиро дар ҷойи панҷум ва ниҳоят, омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ-шароитҳои табиӣ, захираҳо ва меҳнатро хонандагон дар ҷойи шашум гузоштаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ бо иштироки бевоситаи ӯ анҷом дода шудаанд. Дар корҳои бо ҳаммуаллифон анҷомдодашуда саҳми муаллифи диссертатсия назаррас мебошад. Озмоиш дар шароитҳои табиӣ, яъне дар намуди пурсиши берунаэсинфӣ дар 7 муассиса - МТМУ №25, 29, 33, 35 ноҳияи Ёвон ва МТМУ №43, 44, 58 ноҳияи Вахш гузаронида шудааст.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо чопшуда, дар як қатор маърузаҳои аз ҷониби муаллиф инъикос гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ «Таҳсилоти мактабӣ: воқеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии стандартҳои насли наврас», конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши ҳунарҳои миллӣ дар раванди таълим ва тарбия», конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ», конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Мақоми педагогикаи халқӣ дар тарбияи насли наврас, ҷавонон ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ» дар шакли маърузаи илмӣ пешниҳод, муҳокима ва тасвиб шудаанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ:

- муқаррароти назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи бағоят муҳимми иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бунёди оилаи солим заминаи воқеии иттилооти арзишманди илмиро фароҳам меорад;

- хулосаву пешниҳодҳои илмии диссертатсия барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмил мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо ғояҳои нави илман асоснок ғанӣ мегардонад;

- доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои оиладорӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ мегардонад;

- педагогикаи тоҷик бо консепсияи муосир ва амсилаи нави педагогии «Ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ғанӣ мегардад;

Маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши минбаъдаи таърихи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус, хрестоматияҳо оид ба маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои муосири оиладорӣ, педагогикаи иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, сотсиологияи оила ва таърихи педагогика истифода бурдан мумкин аст.

Ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот, мураббиён, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ, нақш ва ҷойгоҳи оила дар таълиму тарбия машғуланд, дар раванди пажӯҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбек аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик яке аз сарчашмаҳои муҳим ва нодир дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладории ҷомеаи муосри тоҷик ба шумор меравад. Фалсафа ва

маърифати ориёӣ, дини Ислом ва назми тасаввуфӣ ба ташаккул ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар асри XI таъсири амиқ расонидааст;

- зуҳури давлатҳои ҷудогона, ташаккулёбии низомҳои сиёсии миллӣ, таваҷҷуҳи хоси онҳо ба пешрафти илму маориф омили таконбахши ба майдони илму маърифат қадам ниҳодани орифон, шахсиятҳои соҳибхираду маъруф дар ҷодаи илму адаб, ташаккул ва рушди афкори пешқадами педагогӣ дар асри XI гардид, ки ҷузъи муҳим ва гусастанопазири онро таълимот оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ташкил медиҳад;

- афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз суннатҳои маърифатии мардуми ориёинажод, афкору андешаи таълиму тарбиявии осори гаронарзиши ниёгон сарчашма мегирад.

- ғояҳои педагогии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба суннатҳои оиладории мусулмонӣ такя намуда, дар натиҷаи ҳамгироӣ ва омезиши таърихӣ бо падидаҳои арзишманди фарҳанги хонаводагии ориёӣ, юнонӣ, мисрӣ ва ҳиндиву чинӣ ғановати бештар пайдо карда, бо шарофати пайомадҳои сиёсати оқилонаи давлати Сомониён на танҳо ба ташаккул ва рушди фарҳанги оиладории халқи тоҷик, балки ба ривоҷу равнақи одобу суннатҳои матлуби оиладории ҳалқҳои ҳамсоя таъсири амиқ расонидааст;

- новобаста аз шумораи зиёди таҳқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши таъриху фалсафаи педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ҷойгоҳи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули фарҳанги оиладорӣ, фарҳанги педагогии волидайн, суннатҳои меҳмондорӣ, одоби муоширатат, оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ, нақши арзишҳои оиладории ниёгон дар пешгирии хатарҳои ҷаҳонишавӣ ва буҳрони демографӣ ҳалталаб боқӣ мемонанд, ки ба пажӯҳишҳои густурдаи илмӣ ниёз доранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

- бо муҳиммияти ҷамъбасти илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос гардидаст ва хулосаҳои асосӣ дар қисмати таҳлили маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши минбаъдаи таърихи афкори педагогии ниёгони халқи точик, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус, хрестоматияҳо оид ба маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои муосири оиладорӣ,

педагогикаи иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, сотсиологияи оила ва таърихи педагогика истифода бурдан мумкин аст.

Ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот, мураббиён, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ, нақш ва ҷойгоҳи оила дар таълиму тарбия машғуланд, дар раванди пажӯҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

Бинобар буҳрони шадиди демографӣ, ки айни замон аксарияти кишварҳои оламро фаро гирифтааст, таҳқиқи проблемаи оила, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар афкори фалсафӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷойи аввал меистад, ки аз ҷониби муҳаққиқ роҳҳои бартараф кардани ин буҳрон ба воситаи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ илман асоснок, коркард ва пешниҳод шудааст.

<u>Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.</u> Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал асноди амалкунандаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқии давлатӣ, инчунин мулоқоту суханрониҳои роҳбарияти воломақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омӯзишу баррасии афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва истифодаи оқилонаи ғояҳои пешқадами онҳо дар раванди тарбияи насли наврас, корҳои илмии педагогҳо ва дигар олимони ватаниву хориҷӣ омӯхта шудааст, ки дар онҳо ҷанбаҳои педагогии мавзуи мазкур муайян карда шудаанд.

Таҳлили илмии таълимоти мутафаккирони  Шарқ, аз ҷумла тоҷику форс оид ба оила, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар осори илмии таърихӣ, таърихӣ-педагогӣ ва адабию фалсафии муҳаққиқони хориҷӣ В.В. Бартольд, Е. А. Беляев, Е.Э. Бертельс, И.С. Брагинский, Т.Э. Брюнебаум, С.Н. Григорян, Э.Д. Джовелидзе, Б.Н. Заходер, М.С. Иванов, А.Э. Измайлов, Л.И. Климович, Н.И. Конрад, А.Е. Крымский, А. К. Кубесов, А. Массе, А. Мец,  И.П.Петрушевский, Ф. Розентал, С. М. Розенфельд, А. Саади, А.А. Семенов, Х.Х. Талашев, И. М. Фильштинский, Б.Я. Шифдар, И. Холмогоров, Ян Рипка ва дигарон ба таври умумӣ инъикос ёфта, таҳқиқ гардида, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқарраоти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии  адабиёти илмӣ дар соҳаи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ, педагогика ва психология,  кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот анҷом ёфтаанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот шахсан аз ҷониби муаллиф ва ё бо иштироки бевоситаи ӯ анҷом дода шудаанд. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот дар пояи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Ёвон ва Вахш анҷом дода шудаанд. Дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот категорияҳои мухталифи респондентон - 430 нафар хонандагон ва 95 нафар омӯзгорони МТМУ, инчунин 60 нафар падару модарон иштирок доштанд.

Мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии такризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо чопшуда, дар як қатор маърузаҳои аз ҷониби муаллиф дар шакли баромадҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар семинару ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, инчунин дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Кӯлоб баргузоршуда муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуданд.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Олимов Тағойбек шубҳаангез набуда, боэътимод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст, андешаву назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ равона карда шудаанд. Инчунин он аз муқаррароти назариявӣ аз педагогика ва психологияи муҳити таълимӣ, таҳқиқоту тафсирҳо вобаста ба муайян ва дарк намудани моҳияти ғояву ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI, оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ошкорнамоии робитаи эҷодиёти онҳо бо амалияи тарбияи оилавӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои муносибу самарабахши истифодабарии онҳо дар раванди ташаккул ва рушди арзишҳои оилавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон, иборат мебошанд.

Дар кори илмӣ инчунин принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳои мунтазамӣ, маҷмуӣ, таърихӣ, илова ва бардавомӣ, муносибати

субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ. истифода шудаанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки муайян намудани маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ва мувофиқати онҳо ба раванди тарбияи оилавии ҷомеаи муосири тоҷик мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшудаdo мумкин аст, ҳамчун муносибатҳои назариявӣ-методологӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми нақшаҳо ва барномаҳои таълимии фанҳо оид ба ташкили чорабиниҳои таълимӣ-тарбивӣ фасли алоҳидаи «Арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони халқи тоҷик» ворид карда шавад. Бо назардошти таҳаввулоти азими ҷаҳони муосир, таҷдиди назар кардани матни «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар партави ғояҳои ба замони муосир ҷавобгӯйи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик баррасӣ шавад. Дар заминаи таҳлили интиқодии мероси мутафаккирони халқи тоҷик таҳия намудани «Консепсияи ташаккули арзишҳои оиладорӣ» ба маврид аст.

Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада. Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани мухлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия таъмин намудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионӣ. Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои бартараф кардани камбудиҳо

ва такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Довталаб дар кори илмӣ нишон додааст, ки 63,3% падару модарон ба мундариҷаи барномаҳои таълимии амалкунанда, китобҳои дарсӣ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ шинос нестанд. Беҳтар мебуд муаллиф роҳҳои ошноӣ ва шиносоӣ пайдо кардани падару модарон, ҷавонон ва аҳли ҷомеаро бо осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс, ки фарогири мавзуи оила ва ташаккули арзишҳои оиладориянд, нишон медод.

2. Агар муаллиф дар диссертатсия аз рӯзгору фаъолияти хонаводаҳое, ки дар тарбияи фарзандон бо истифода аз осори илмию адабӣ ва педагогии мутафаккирони тоҷику форс комёб шудаанд, мисол ва намунаҳо пешниҳод менамуд, арзиши илмии таҳқиқот дуҷанд мешуд.

3. Азбаски дар ҷумҳурӣ масъалаи демографӣ яке аз масъалаҳои ҳассос боқӣ мондааст, хуб мешуд, ки довталаб дар диссертатсия дар яке аз зербобҳо ин масъаларо матраҳ мекард.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Олимов Тағойбек Шодиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақриз аз тарафи ташхисгар, н.и.п., дотсент кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Худойқулова Қ.Ҷ. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика бо иштироки диссертант Олимов Тағойбек Шодиевич баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар устодон иштирок намуда. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -12 нафар, муқобил- нест, бетараф- нест. (Қарори ҷаласаи кафедра № 11 аз 07.06.2023).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктории илмҳои
педагогӣ, профессор Мирализода А. М.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент Худойқулова Қ. Ҷ.

Котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ,
дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Ахмедова М. С.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел: 903212127. E-mail:toshzoda@inbox.ru

Имзоҳои Мирализода А.М., Худойқулова Қ.Ҷ., Ахмедова М.С. - ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

07.06.2023